*Ба шурои диссертатсионии 6D.КОА-003*
*назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон*

# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Холов Абдулҳамид Мирзомадович дар мавзуи «Таъмини сармоягузориҳои рушди саноатикунонии иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон» (дар маводи хоҷагиҳо ва корхонаҳои агросаноатии вилояти Хатлон), ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.07 – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз пешниҳод шудааст.**

Дар шароити имрӯзаи иқтисодиёт сармоягузорӣ асоси рушд ва инкишофёбии дилхоҳи соҳа ба ҳисоб меравад. Аз ин ҷост, ки сармоягузорӣ ва таъмини он яке аз механизмҳои рушди саноатикунонии иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон дониста шуда, дар инкишофёбӣ ва рушди босуботи иқтисодиёт нақши асосиро иҷро менамояд. Рушду инкишофёбии саноатикунонии иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон боиси зиёд гардидани ҷойҳои корӣ, истеҳсоли молу маҳсулотҳои ватанӣ ва аз ҳама муҳим таъмини амнияти озуқаворији кишвар ба ҳисоб меравад. Таҳлилҳои илмию амалии гузаронидашудаи илмӣ муайян намудаанд, ки яке аз навъҳои комплексҳои байнисоҳавии паҳншуда дар ҷаҳон ин комплекси агросаноатӣ маҳсуб меёбад. Ташаккул ва рушд намудани ин комплекс, бештар аз таъмини бехатарии озуқаворӣ сарчашма мегирад ва то ба имрӯз яке аз мавзуъҳои мубрами иқтисодиёт дониста шуда истодааст. Зеро комплекси агросаноатӣ вобаста ба рушд ва муносибатҳои дуҷонибаи соҳаҳои кишоварзӣ ва саноатӣ, ба вуҷуд омада, дар истеҳсоли молу маҳсулотҳои худӣ, дар тақсимоту мубодила ва дар истеъмоли онҳо нақши марказӣ дорад. Таъмини амнияти азуқаворији мамлакат ва саноатикунонии босуръати иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки яке аз ҳадафҳои асосии Стратегияи миллии рушд барои давраи то соли 2030 дониста мешавад, бо комплекси агросаноатӣ ва сармоягузории он робитаи ногусастанӣ дорад, ки худ далели мубрамии мавзуъ мебошад.

Аз муҳтавои автореферат бармеояд, ки диссертатсияи илмӣ ба яке аз мавзуи муҳими иқтисодӣ бахшида шуда, таҳқиқи масъалаҳои ҳалталаби ҷанбаи назариявӣ, идоракунӣ, ташкилӣ ва амалидоштаи таъмини сармоягузориҳои рушди саноатикуниниро дар доираи хоҷагиҳо ва корхонаҳои агросаноатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва минтақаи мавриди таҳқиққарордошта фарогир мебошад. Махсусан, муаллиф дар натиҷаи мавриди омӯзиш ва таҳлилу баррасӣ қарор додани таҳқиқоти олимони классику муосир оид ба мафҳуми сармоягузориҳо хулосабарорӣ намудааст, ки сармоягузорӣ ин гузориши сармоя ба бизнес ё ягон намуди фаъолият ( агар ба қонуну санадҳои ҳуқуқӣ мухолифат накунанд) бо мақсади гирифтани фоида ё ягон самараи дигари иҷтимоӣ мебошад. Маблағгузориҳои асосӣ як навъи сармоягузориҳо ба шумор мераванд, ки танҳо ба фондҳои асосӣ равона карда мешаванд. Дар адабиёти иқтисодии солҳои охир онҳоро сармоягузориҳо ба сармояи асосӣ низ меноманд.Моҳияти иқтисодии сармоягузориҳо дар он зуҳур мекунад, ки онҳо дар рушди иқтисодиёт, саноатикунонии соҳаҳои он нақши “локомотив”-ро мебозанд.

Сармоягузориҳо дар доираи макро ва микроиктисодиёт вазифаҳои ба худ хосро иҷро мекунанд. Дар рисола вазифаҳо ва шаклу усулҳои сармоягузориҳо тавсифу тасниф ва ҳар як навъи сармоягузорӣ, ҷанбаҳои мусбӣ ва манфии онҳо шарҳ дода шудаанд. Ҳамчунин, чунин тавсияҳои диссертант ҷолиби диққатанд: "Таъмини сармоягузории саноатикунонии босуръати иқтисодиёти агросаноатӣ дар доираи Стратегияи миллии рушд ва барномаҳои рушди иҷтимоӣ-иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2016-2020 ва 2021-2025 амалӣ гардида истодаанд. Аз ин рӯ, дар рисола муаллиф оид ба афзоиши маҳсулотҳои асосии кишоварзии ҷумҳуриву вилоят ва таъмини сармоягузории афзоиши онҳо дурнамо анҷом дода, нуктаи назари худро оид ба ҳаҷми сармоягузориҳо иброз доштааст, ки ин барои таҳқиқотҳои оянда дар ин самт метавонад ҳамчун заминаи илмӣ хизмат намояд."

Сохтори автореферат ба талаботи муқарраргардидаи КОА ҷавобгӯ мебошад ва бо хулосаҳои илмии муаллиф ҷамъбаст гардидааст.

Дар баробари муваффақиятҳо дар автореферат баъзе камбудиҳо ба назар мерасанд. Масалан, ба фикри инҷониб, дар қисмати асосии таҳқиқотии автореферат хусусиятҳо ва асосҳои назариявии мавзуъ нокифоя тавзеҳ дода шудааст.

Камбудии зикргардида хусусияти тавсиявӣ дошта, сифати корро паст наменамояд. Дар маҷмуъ аз автореферати диссертатсия бармеояд,ки рисолаи илмии Холов А.М. дар мавзуи «Таъмини сармоягузориҳои рушди саноатикунонии иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон» (дар маводи хоҷагиҳо ва корхонаҳои агросаноатии вилояти Хатлон) кори илмии анҷомёфта, аз рӯйи натиҷаҳои назариявӣ ва амалӣ ҷавобгӯйи талаботу муқаррароти КОА-и назди Президента Ҷумҳурии Тоҷикистон буда, муал лифи он барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.07 – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз сазовор мебошад.

**Муқарриз:**
д.и.и., профессори кафедраи
фаъолияти гумрукии Донишгоҳи
давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон Мирсаидов С.А.

**Суроға:** 374067, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, кучаи Нахимова 64/14.
**Телефон:** (+992) 92 7802994
**E-mail:** surush-sa@mail.ru

Имзои Мирсаидов С.А. -ро тасдиқ мекунам:
Сардори шуъбаи кадрҳо ва
корҳои махсуси ДДМИТ, н.и.ҳ. Шарипов У.А.

ШУЪБАИ КАДРҲО
ОТДЕЛ КАДРОВ

13.06.2024